**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба кори диссертатсионии унвонҷӯй Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзӯи «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.008.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Масъалаи ба фазои ягонаи таҳсилоти ворид гардидани ҳар як кишвар таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои ҳаёти гуногуни ҷомеа, аз он ҷумла файласуфон, сотсиологҳо, фарҳангшиносон, психологҳо, педагогҳоро ба худ ҷалб намудааст. Ин раванд ба ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда ба ташкили низоми таҳсилот омодагии касбии донишомӯзон ва ташаккули муносибати босалоҳият имкониятҳоро ба вуҷуд меорад. Махсусан таъсири ҳамкориҳои байналмилалӣ ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ назаррас буда он унсури муҳими омодасозии мутахассиси оянда забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертант мавзӯи таҳқиқотии худро чун мутахассиси соҳаи таълими забони хориҷӣ – забони англисӣ, ки яке аз забонҳои муошırати байналмилалӣ мебошад ва дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият менамояд ба ин масъалаи мубрами назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бахшидааст.

Дар давоми фаъолияти илмӣ-омӯзгории худ аз соли 2016 бо баробари он ки худро ҳамчун мутахассис - омӯзгори серталаб, меҳнатдӯст, ҷӯянда ва донандаи забони англисӣ муаррифи намуд, инчунин аз соли 2018 то имрӯз ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардида тавонист кори диссертатсионии худро мустақилона ба анҷом расонад. Ӯ кори илмӣ-таҳқиқотии худро аз

омӯхтану таҳлил намудани таърихи масъалаҳои рушди ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вазъи таҳқиқоти он аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ оғоз намуда кӯшиш кард самтҳои асосии рушди масъаларо дар 6 соли охир (2018-2024) мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад.

Маълум аст, ки дар дидактикаи муосир равияҳои гуногун, ба монанди ращёфти низомнокӣ, раҳёфти арзишӣ – маънавӣ ва ғайраҳоро вуҷуд доранд. Дар натиҷаи омӯхтану таҳлили таҳқиқотҳои психологӣ, педагогӣ, лингводидактикӣ Бобоҷонова М.Ю. равияи шахсиятӣ - фаъолиятмандиро интихоб намуд, чунки ин равия ба ташаккулёбии шахсияти донишҷӯ ва таъмини омодагии ӯ ба фаъолияти таълиму тарбиявӣ ҳангоми омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ дар МТМУ равона карда мешаванд. Дар заминаи равияи шахсиятӣ – фаъолмандӣ модели ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён дар таҳсилоти олии касбии педагогӣ таҳия ва дар раванди озмоишӣ таълимӣ амалӣ гардонда шуданд.

Бояд қайд кард, ки Бобоҷонова М. Ю. ҳамчун мутахассиси ҷомеаи муосир соҳиби дониш, маҳорату малакаҳои истифодабарии технологияҳои муосири таълим тавонист накши онҳоро дар ташаккули ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо таври умумӣ ва бо таври махсус дар кори таҳқиқотии худ, ки ба равияи шахсиятӣ – фаъолмандӣ асос ёфтааст мавриди истифодабари қарор диҳад. Дар раванди кори таҳқиқотӣ ба масъалаи таъсири тамоюлҳои глобализатсионӣ (ҷаҳонишавӣ) ва фарҳангиро дар рушди ҳамкориҳоибайналмилалӣ мавриди таҳлилу тавзеҳқарор дода шудааст.

Дар раванди кори илмӣ-педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ Бобоҷонова М.Ю. худро ҳамчун омӯзгори хушсалиқа, корманди кордону масъулиятшинос, муҳаққиқи соҳиби тафаккури илмӣ ва маҳорату малакаҳои таҳқиқотчигӣ нишон дода кӯшиш мекардҳама вакт супоришҳоро сари вақту босифат таҳқиқот ба анҷом расонида шавад. Коркарди омории натиҷаҳои озмоишӣ

таълимиро таъмин намуда аз адабиётҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣсамарабахш истифода намуд. Ҳамасола дар конференсияи анъанавии донишҷӯёну ҳайати устодони донишгоҳ бо гузоришу маърӯзаҳои илмӣ баромад карда натиҷаи корҳои таҳқиқотии худро дар кафедраи методикаи таълими забони англисӣбарои муҳокима ва натиҷагири пешниҳод намуд. Бо баробари таҳия ва нашр намудани мақолаҳо 5 дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ суханронӣ намуда дар маҷмӯъ маводҳои нашршудаи онҳо 6 мақолаҳои илмии худро ба нашр пешкаш кардааст.

Хулоса: кори диссертатсионии Бобоҷонова Мунира Юсуфҷоновна дар мавзӯи «Методикаи амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷро шуда ва ба анҷомрасида буда барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.008.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
махсус ва таҳсилоти фарогири
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Маҷидова Б.

Имзои профессор Б.Маҷидоваро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: ДДОТ ба номи С. Айнӣ,734003,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Сана: 23.04.24